УДК 631.173.2

# РОҲҲОИ ТАШКИЛИ МАРКАЗИ МОШИНУ-ТЕХНОЛОГӢ (ММТ)

**Бердиев С.А.** ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур

**Калимаҳои асосӣ:** *маркази мошину-технологӣ, парки мошину тракторӣ, ҷамъиятҳои аксионерӣ, мошинҳои электронии ҳисоббарор, иҷора, кироя, амалиёти технологӣ.*

Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сохторҳои гуногуни фаъолияти корхонаҳои кишоварзиро мушоҳида кардан мумкин аст. Яке аз намуди фаъолияти корхонаи кишоварзӣ ин ташкил намудани маркази мошину технологӣ (ММТ) мебошад.

Аъзоёни гурӯҳи ташаббускор одатан муассисони маркази мошину-технологӣ (ММТ) ба сифати шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ мешаванд. Барои ташкили дуруст ва самаранокии кори минбаъдаи ММТ зарур аст, ки қисми асосии саҳмияҳо (моликият) ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ тааллуқ дошта бошанд, ки ин имкон медиҳад ММТ ба манфиати онҳо кор кунад. Ин шартро дар хамаи марҳалаҳои ташкили ММТ ба назар гирифтан лозим аст. Тарҳрезии ММТ бояд дар асоси қонунҳо, қоидаҳо ва қарорҳои амалкунанда ба роҳ монда шавад.

Тарҳрезӣ аз ташаккули супориши техникӣ оғоз меёбад, ки бо таҳия ва татбиқи лоиҳаи корӣ ба охир мерасад. Таҳияи лоиҳа аз таҳқиқот ва ҷамъоварии иттилооти зарурӣ барои таъсиси ММТ оғоз мешавад, ки пас аз он вазифаҳои техникӣ, лоиҳа-вазифа ва консепсияи лоиҳаи ММТ таҳия карда мешаванд. Дар охири таҳлил онҳо ба тарҳрезӣ ва таҳияи лоиҳаҳои техникӣ ва корӣ шурӯъ мекунанд. Раванди таъсиси ММТ бо татбиқи амалии он бо таҳлили минбаъдаи фаъолият ва рушди он ба охир мерасад.

Таҳияи лоиҳаҳои маркази мошину-технологӣ барои фаъолияти бисёрфунксионалӣ, ки фаъолиятҳои истеҳсолӣ доранд, ҳам бунёди иншооти нави базавӣ ва ҳам таҷдиди иншооти мавҷударо талаб мекунад.

Барои ММТҳое, ки дар заминаи колхозҳо, совхозҳо ва ҷамъиятҳои аксионерӣ ташкил карда шудаанд, хангоми истифода бурдани база ва таҷҳизоти мавҷудаи хоҷагиҳо, танҳо бо тартиб додани бизнес-нақша махдуд шуданаш мумкин аст. Хулосаҳои асосиро пас аз муайян кардани самаранокии воқеии иқтисодӣ аз руйи натиҷаҳои камаш ду соли фаъолияти истеҳсолии ММТ баровардан мумкин аст. Ҷузъи асосии таҳияи лоиҳаи ММТ ин бизнес-нақша мебошад, ки аз руйи нишондиҳандаҳои истеҳсолии он самаранокии ММТ-и таъсисёфта ва фоидаи он баҳо дода мешавад. Дар шакли калонтари тарҳрезии ММТ -ро метавон ҳамчун системаи нишондиҳандаҳои асосӣ муаррифӣ кард, ки пайваста ҳангоми ташкил ва фаъолияти он амалӣ карда мешаванд.

**Ҷадвали 1. Пайдарпайии тарҳрезӣ ва ташкили ММТ**

| Параметрҳои асосии пешгӯӣ | Ҳаҷм ва намуди кор | Таркиб ва ташкилии структуравии ММТ, таснифоти фаъолияти истеҳсолии фармоишгарон | Меъёрҳо | бизнес-нақша |
|---|---|---|---|---|
| | | | Калкулиятсияи хароҷот, муайян кардани нархи кор | Баҳодиҳии даромад ва хароҷот, фоида, андозҳо, даромаднокӣ, баҳодиҳии самаранокӣ |
| Шароити иқлимию-хокии минтақа, таркиб, кишт-гардон, ҳосилнокӣ | Пурракунии ПМТ ва таъминот бо кадрҳо | Ташкили қитъаҳои истехсолот, муҷаҳҳазкунӣ бо таҷҳизот | Даромад ва ташкилкунандаи онҳо | |
| Имкониятҳои молиявӣ | | | | |

Ҳангоми тарҳрезии ММТ бо ҳаҷм ва намудҳои камтари истеҳсолот, ташкили минтақаҳои истеҳсолии омехта тавсия карда мешавад. Масалан, майдони истеҳсолии корҳои механиконидашуда метавонад соҳаҳои иҷораи таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт ва корҳои таъмиру нигоҳдориро дар бар гирад. Имкониятҳои ҷойҳои таъмир ва нигоҳдории парки мошину тракторӣ (ПМТ), кирояи техника ва таҷҳизот ва ғайра мавҷуданд.

Дар хамаи мавридхо қисми асосии таркибии ММТ-ро қитъаи механиконидашуда ташкил мекунад. Тарҳрезии ММТ дар асоси барномаҳои таҳияшуда бо истифода аз мошинҳои электронии ҳисоббарор (МЭҲ) мувофиқи мақсад аст.

Гурӯҳҳои ташаббускори намояндагони истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, хоҷагиҳои фермерӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ғайра, дар навбати аввал, таҳлили бозори маҳсулоти кишоварзиро мустақилона аз ҷониби ММТ ва якҷоя бо дигар корхонаҳо бо назардошти талаботи ҷорӣ ваояндаи истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва

истеъмолкунандагони дигар дар соҳаи пешниҳодшудаи фаъолияти ММТ таҳлил карда мебароянд. Барои ин, доираи корҳои пешниҳодшуда вобаста ба татбиқи технологияҳои анҷомёфтаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мустақилона ё якҷоя бо муштариён ба назар гирифта мешавад. Талабот ба техника, ташкили нигоҳдорӣ ва таъмири мошинҳо ва корҳои дигар омӯхта мешавад. Номгӯ ва ҳаҷми коре, ки истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ мехоҳанд аз берун истифода баранд, инчунин фонди замин, ки самаранок истифода намешавад ё аз кишт боз мондааст муайян карда мешавад.

Илова бар ин, ҷамъоварӣ ва ҷамъбасти фармоишҳои истеҳсолкунандагони маҳсулотҳои кишоварзӣ бо бақайдгирии мувофиқи дархостҳо ташкил кардан лозим аст:

-дар фаъолияти корҳои механиконидашуда (муштарак ё шартномавӣ);

-дар коркарди маҳсулоти кишоварзӣ;

-дар таъмини техника барои истифодаи муваққатӣ (иҷора, кироя);

-дар истифодабарии техникии мошину дастгоҳҳо (хизматрасонии техникӣ, таъмир, нигоҳдорӣ);

-дар иҷрои корҳо оид ба истеҳсоли маҳсулот, сохтани конструксияҳо, интиқол, интихоб, васлкунӣ, васлкунии иловагӣ, танзим кардани мошину дастгоҳҳо;

-дар машварат ва омӯзонидани истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ.

Ин кор бо ҳисобкунии пешакии параметрҳои иқтисодии фаъолияти ММТ бо дарназардошти нархҳои пешниҳодшудаи маҳсулоти тайёр, тарифҳои хизматрасониҳои аз ҷониби ММТ ва хароҷоти эҳтимолӣ ба анҷом мерасад. Муҳим аст, ки ҳаҷми корхои вобаста ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бештар аз 70 фоизи истеҳсоли тамоми маҳсулоти ММТ -ро ташкил диҳад. Ба фаъолияти истеҳсоли кишоварзии корхона амалиёти технологӣ, ки ММТ анҷом медиҳанд, дар заминҳои иҷора анҷом дода мешаванд ё корҳои алоҳида, ки аз ҷониби дигар истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ фармоиш дода шудаанд.

Ҷойгиршавии ММТ бо дарназардошти имконоти мавҷудаи биноҳои истеҳсолӣ, ки ҳамчун саҳм ба сармояи оинномавии ММТ истифода мешаванд ва радиуси нисбатан хурди миёнаи хизматрасонӣ ба истеҳсолкунандагони кишоварзӣ муайян карда мешавад. Дар сурати мавҷуд набудани базаи истеҳсолии худи ММТ, тавсия дода мешавад, ки қитъаҳои сарбории камдошта, биноҳо ва майдонҳои хурдро истифода баранд, ки дар онҳо хизматрасонии техникӣ, таъмири ҷорӣ, танзим ва нигоҳдорӣ анҷом додан имкон дошта бошад. Ин корхонаҳо метавонанд бо гузоштани сармояи оинномавии корхона дар шакли коргоҳҳо ва биноҳо муассисон шаванд.

Интихоби номгӯ ва ҳаҷми кор барои муайян кардани таркиб ва шумораи коргарони ММТ бисёр зарур мебошад. Мукаммалгардонии технологии ММТ талаботи аввалиндараҷа дар тарҳрезии он мебошад, ки самаранокии фаъолияти онро муайян мекунад. Барои ин, хусусиятҳои хокии минтақаи фаъолият муайян карда мешаванд, бо ҷалби институтҳои минтақавӣ технологияҳои беҳтарини истеҳсоли зироатҳои кишоварзӣ бо назардошти гардиши оптималии киштгардон ва технологияҳои амалиётии корҳо интихоб карда мешаванд. Маълумоти мукаммалро оид ба интихоби технологияҳои маҳаллӣ аз феҳристи институтҳои таҳқиқотии минтақа дастрас кардан мумкин аст. Истифодаи таҷрибаҳои технологии муосири мамлакатҳои мутараққӣ ба ММТ имкон медиҳад, ки ҳосили баландтарини зироатҳои кишоварзӣ бо сарфи ками меҳнат ва хароҷоти миёна ба даст оварда, ҳамзамон талаботи экологӣ таъмин карда шавад.

Ҳангоми интихоби модели стандартии ММТ бояд хусусиятҳои иқлимӣ, фаъолияти хоҷагидорӣ ва иқтисодии хоҷагиҳои истеҳсолкунандагони маҳсулот, мавҷудияти шароити имтиёзнокии кор ва имкони истифодаи технологияҳои баланду интенсивии истеҳсолоти кишоварзиро ба назар гирифт ва чи хеле ки дар ҷадвали 1 пешниҳод карда шудааст пайдарпайи риоя карда шавад.

**АДАБИЁТ**


1.Журнал «Техника и оборудование для села», под редакцией В.М. Баутин, Москва-январь 2005 год.
2.Журнал «Техника и оборудование для села», под редакцией В.М. Баутин, Москва-февраль 2005 год.
3.Журнал «Машинно-технологические станции», Москва –декабрь 2002год.
4. Журнал «Машинно-технологические станции», Москва - ноябрь 2004 год.
5. Журнал «Сельский механизатор», Москва – май 2004 год.


**АННОТАЦИЯ**

## ПУТИ СОЗДАНИЯ МАШИННО-ТЕХНОЛОГИЧЕСКОЙ СТАНЦИИ

В статье приведены пути создания машинно-технологических станций. Рассмотрены параметры учитывающие при создание эффективной машинно-технологической станции, отвечающие требованиям сельхозтоваропроизводителей, с учетом почвенно-климатических условий нашей страны. Показана многофункциональность создаваемой машинно-технологической станции.

***Ключевые слова:*** *машинно-технологическая станция, машинно-тракторный парк, акционерные общества, электронно-вычислительные машины, аренда, прокат, технологические операции.*

## ANNOTATION

## THE WAYS OF CREATING MACHINE-TECHNOLOGICAL STATIONS

The article describes the ways of creating a machine-technological station. The article considers the parameters that take into account the creation of an efficient machine-technological station that meets the requirements of agricultural producers, taking into account the soil and climatic conditions of our country. The multifunctionality of the created machine-technological station is shown.

Key ***words:*** *machine-technological station, machine-tractor park, joint-stock companies, electronic computers, rent, rental, technological operations.*

**Сведение об авторе:**

**Бердиев Садридин Абдурахмонович** старший преподаватель кафедры теоретической механики и инженерной графики Таджикского аграрного университета им. Шотемур. 734003, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 146. Э.почта sadridin_samariddin@mail.ru Телефон (+992) 900281906